Натиҷаи муҳимтарини фаъолияти ғайридарсӣ кӯшиши донишҷӯён ба худшиносӣ мебошад. Дар шароити таълими касбӣ худшиносӣ чун арзише мебошад, ки шахсият бо салоҳиятҳои касбӣ азхуд мекунад. Азхудкунии чунин як арзиш ба навгардии худи шахсият, табдил ёфтани ӯ ба субъекти таълими касбӣ сабаб мешавад. Чунин субъект шуда, шахсият ба талаботи худтаҒйирёбӣ ва худмукаммалдиҳӣ оғоз мекунад, ин он ҳолатест, ки шахсият фаъолияти худро дар ҷустуҷӯи воситаҳои нави худшиносӣ фаъол месозад.

Таснифи таълими шахсӣ-мавқеӣ, ки дар таълими муосир ба сифати асосӣ қабул шудааст, талаб мекунад, ки муносибати субъектҳои таҳсилот ба таҷрибаи азхудкунии доишҳои нави касбӣ куллан тағйир дода шавад.

Ба таърифи “худшиносӣ”, ки В. И. Слободчиков пешниҳод кардааст, шарҳ дода мешавад, ки ин “қобилияти асосии инсон ба субъекти аслии ҳаёти худ шудан аст”, такя намуда, ҳисоб мекунем, ки пайдоиши аз ҳама баланди он

кӯшиши шахсият ба навкунии эҷодии ҳаёти худ, ҷустуҷӯи имкониятҳои нави худшиносӣ мебошад. Ҳамзамон, мавқеи муаллифони зиёд, ки худшиносиро чун пайдоиши психологӣ-педагогӣ мешиносанд, дар он аст, ки ҷалб кардани шахсият ба раванди худшиносӣ ба ӯ имкон медиҳад, то дар ташкили ҳаёти худ субъекти ҳақиқӣ бошад. Аз ин рӯ ӯ ба кӯмак, дастгирӣ, ҳамроҳии педагогӣ ниёзманд аст.

Дар адабиёти педагогӣ (М.С. Каган, Е.И. Казакова) дастгирии педагогӣ дар бисёр ҳолат чун қисми муносибати васеи байни педагогҳо ва тарбиятгирандагон, алалхусус ҳамроҳии педагогии намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии хонандагон, баррасӣ мешавад. Ба ин мазмун дастгирии педагогӣ чун яке аз тарзҳои муносибати муташаккили субъектҳои раванди таълим баррасӣ шуда, дар таркиби мафҳуми дастгирӣ ба монанди он, ки педагог ва тарбиятгарро “касеро дастгирӣ кунад ва ҳамроҳ бо ӯ равад”, инъикос мешавад.

Таҳлили адабиёти педагогӣ, ки ба масъалаҳои ташаккули дастгирии педагогии хонандагон бахшида шудааст, нишон медиҳад, ки ин яке аз қисмҳои муҳими фаъолияти касбии педагогӣ буда, дар амалияи педагогӣ аз тарафи донишҷӯён дарки чуқури зарурати корро дар худмукаммалкунӣ ва худинкишофёбӣ, таъмин менамояд. Дар таркиби чунин дастгирӣ баъзе аз тадқиқотчиён зарурати баланд бардоштани нақши таъсири омилҳои мусбиро дар тарбия ва таълими тарбиятгирандагон ва бартараф кардани онҳое, ки ба амалисозии вазифаҳои кори тарбиявӣ халал мерасонанд, мебинанд.

Назарияи дастгирии педагогиро олими шинохтаи рус О.С. Газман таҳия кардааст. Ӯ дар он меҳисобад, ки дастгирии педагогӣ ин шакли мухсуси фаъолияти педагог аст, ки потенсиали шахсии тарбиятгарро дар ташаккули маҳорати мустақилонаи расидан ба дараҷаҳои дилхоҳро дар таълим, худшиносӣ, муошират, тарзи зист, мекушояд. Дар корҳои тадқиқотчиёни зиёд дастгирии педагогӣ чун муносибати дастгирикунанда ва дастгириёбанда; чун усуле, ки дар асоси он кӯмак ва намудҳои гуногуни ҳавасмандкунии фаъолияти тарбиятгиранда баррасӣ мешавад, нишон дода шудааст.

Дар адабиёти педагогӣ дар таснифоти дастгирии педагогӣ ба фаъолнокии дастгирикунанда ва дастгириёбанда дар раванди ҳалли масъалаҳо ва мушкилоти таълими касбӣ диққати махсус дода мешавад. Аз ин рӯ як қатор қисматҳои дастгирии педагогиро ҷудо мекунанд, ки новобаста ба раванди худинкишофёбии шахсӣ таъсир мерасонанд. Ба онҳо ӯ амсоли инҳоро дохил мекунад: пропедевтикаи қарорҳои фикрнокарда ва ё тасодуфӣ ва ё интихоби нодуруст дар ҳолатҳои интихобӣ (ин ҷо ба зарурати расонидани кӯмак ва дастгирӣ ба донишҷӯ ҳангоми ҳолатҳои мушкили ҳаётӣ қайд шудааст); муҳимияти ҷавоб ба мушкилот, масъалаҳо ва суолҳои пайдошуда, ки донишҷӯ

на ҳамеша мустақилона ҳал карда метавонад; ташаккули ҳолатҳои рефлексивӣ, ки ба донишҷӯ имкони дарк кардани ҳолатҳои пайдошаванда ва хулосабарориро медиҳад (Л.В. Байбородова, Е.И. Казакова, Е.В. Коротаева, Г.И. Симонова ва диг.). тадқиқотчиён муайян кардаанд, ки таркиби дастгирии педагогӣ зиёдтар самаранокии худро ҳангоми муносибате нишон медиҳад, ки педагог ба навсозии потенсиали дохилии тарбиятгар диққати махсус медиҳад, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои пайдошаванда истифода мешаванд.

Шарти асосии самараноки дастгирии педагогиро таъминкунанда, ҷалб кардани тарбиятгирандагонро ба системаи корҳои гуногун меноманд, ки мувофиқи ҳавас ва имкониятҳои тарбиятгирандагон ташкил карда мешаванд. Дар ин ҳолат, дастгирии педагогӣ метавонад сабаби бузурге дар кӯшиши инсон ба муваффақият гардад. Агар ин кӯшиш дар ҷамъияте амалӣ шавад, ки бо муҳити мусоиди иҷтимоӣ-психологӣ тасниф ёфтааст, онгоҳ сухан оид ба ҷой доштани шарти худинкишофёбии шахсии донишҷӯён дар раванди таълимии колеҷ меравад (И.С. Якиманская).

Корҳои тадқиқотчиёнеро, ки бо масъалаҳои дастгирии педагогӣ машғул шудаанд, таҳлил намуда, қайд намудан лозим аст, ки он одатан чун нақшае тасаввур карда мешавад, ки дар он компонетҳои зерин ҷудо карда шудаанд: P ---O ---S ---R, ки дар ин ҷо P – масъала, O – объекти ин масъаларо ҳалкунанда, S – субъекти роҳи ҳалли онро ёфта, R – масъалаи аз тарафи субъект ҳалшуда мебошад.

Аз ин нақша маълум аст, ки сифати асосии дастгирии педагогӣ - ин зарурати тағйирдиҳии объект ба субъект мебошад. Ин бошад истифодаи воситаҳои педагогиро талаб мекунад. Ин ҷо ташаббус муҳим аст. Он метавонад аз тарафи худи донишҷӯ ва ё омӯзгор пайдо шавад. Дар ҳолати якум, донишҷӯ худ барои дастгирӣ муроҷиат мекунад, аз он ки дар пайдо сохтани ҳалли самараноки масъала мушкилӣ мекашад. Дар ҳолати дуюм, педагог худ мебинад, ки ба донишҷӯ кӯмак зарур аст ва ин кӯмакро мерасонад.

Нақши омӯзгорро дар ҳолатҳои мушкилӣ дар фаъолияти таълимӣ қайд намуда, муаллифони тадқиқотҳо диққат медиҳанд, ки аҳамияти махсусро мавқеъ ва ё нақши педагог дар ин дастгирӣ мебозад. Дар нақшҳои асосӣ нақши машваратчӣ, ёрманд, маслиҳатчӣ, дӯстро қайд мекунанд. Дар ин ҳолат, чун И. А. Зимняя қайд мекунад, дастгирии педагогӣ бо ташаккули комплекси шартҳо алоқаманд аст, ки онҳо муҳити мусоиди иҷтимоӣ-психологиро пешниҳод мекунанд, ки дар он донишҷӯ дар ҳолати пайдошуда роҳи беҳтарини ҳалли онро интихоб карда тавонад; таъмини интихоби кардашуда бо амалҳо, ки бо боварии том чун воситаҳои азхудкунии таҷрибаи ҳалли мустақилонаи ҳолатҳои ба ин монанд хизмат мекунанд. Вазифаи педагог

одатан аз он иборат аст, ки донишҷӯёни ба дастгирӣ ниёзмандро саривақт дида тавониста, ҳаҷми дастгириро баҳо дода, таркибашро ба ҳисоб гирад.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти педагогӣ имкон медиҳад, ки тарафҳои асосии дастгирии педагогӣ ҷудо карда шавад. Ба онҳо ҳамроҳ намудан мумкин аст: фаъолсозии потенсиалҳои шахсӣ дар ҳал намудани масъалаҳои гуногуни таълимӣ ва ҳаётӣ; ғанигардонии таҷрибаи шахсӣ дар ҷустуҷӯ ва ёфтани воситаҳои аз ҳама самараноки фаъолият; ташаккули ҳавасмандӣ ба худшиносии шахсият дар намудҳои гуногуни фаъолият ва кӯшиш ба худинкишофёбӣ; ҳали бобарори масъалаҳои ҳаётӣ, ки шахсият бо онҳо рӯбарӯ мешавад.

Чӣ хеле, ки дар диссертатсия қайд карда шуд, фаъолияти ғайридарсӣ чун қисми раванди таълимӣ дар колеҷ, худшиносии шахсии донишҷӯёнро ба воситаи ташкили нишондодҳо ба худшиносӣ ва худтарбия, бо ташкили дастгирии педагогӣ таъмин менамояд. Заминаи зарури фаъолсозии худинкишофёбии донишҷӯён дар раванди фаъолияти ғайридарсии колеҷ инҳо мебошанд: дарки ҳар як донишҷӯ оид ба зарурати худинкишофёбӣ; пуршавии фазои колеҷ бо дараҷаи баланди фаъолнокии кории субъектҳои таълим; муҳити мусоиди иҷтимоӣ-психологӣ.

Муаммои муҳими тадқиқот муайян сохтани меъёрҳои дастгирии худинкишофёбии шахсӣ, инчунин ошкорсозии самаранокии амалӣ сохтани самтҳои дастгирии педагогӣ мебошад. Баҳисобгирии муносибатҳо ба ҷудо намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо дар баҳодиҳии самаранокии дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯён, меъёрҳои зерин ҷудо карда шуданд: *ҳавасмандӣ, фаъолиятнокӣ* ва *рефлексивӣ*.

Таркиби меъёри *ҳавасмандӣ* бо кӯшиш ба худинкишофёбӣ ва муносибат ба касби оянда кушода мешавад. Ин меъёр ҷои махсусро дар сохтори худинкишофёбии шахсияти донишҷӯ ишғол мекунад. Меъёри *фаъолиятнокӣ* дар фаъолнокии шахсият дар раванди азхудкунии таҷрибаи таълимӣ ва ҳаётӣ дида мешавад. Ба сабаби дастгирии педагогӣ донишҷӯ чун шахсияти худбовар, бо худшиносии комил, бо қобилияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳо, ташаббускорӣ, масъулият ва муносибати самаранок бо атрофиён ташаккул меёбад. Дар тадқиқот *рефлексия* чун меъёри худинкишофёбӣ, ки дар худшиносии сифатҳои шахсият, ки ба худинкишофёбӣ мусоидат мекунад, инъикос меёбад.

Таркиби ҳар як меъёрро аз рӯи сатҳҳои ҷой доштан дар кор кушода, қайд шудааст, ки: 1) *сатҳи баланди* худинкишофёбии шахсии донишҷӯён бо ҳавасмандии баланди дохилии азхудсозии донишҳо ва малакаҳои амалӣ тасниф меёбад; бартарии сабабҳои маънавӣ ва фаъолияти дарккунӣ; тайёр будан ва талабот доштан ба худинкишофёбӣ; донистани моҳияти раванди

худинкишофёбӣ; ҳавасмандии шахсӣ дар муайян сохтани қиммати он; талаботи дохилӣ ба донишҳо, малакаҳо ва таҷрибаҳо; 2) сатҳи миёнаи худинкишофёбии шахсӣ бо ҷой доштани асосан ҳавасмандии беруна дар фаъолияти таълимӣ, дар гирифтани баҳоҳои хуб; муносибати мусбӣ ба касбу кори хуб; ҷой доштани азхудкунии донишҳо оид ба раванди худинкишофёбӣ; дарки нокифояи роҳҳои бадастоварии он; донишҳои рӯякии моҳияти раванди худинкишофёбӣ; талаботи нопурра дар дарёфти маълумоти набуда ва донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои зарурӣ тасниф меёбад; 3) сатҳи пасти худинкишофёбии шахсии донишҷӯён бо ҳавасмандии ҳолатии таълимот; *набудани кӯшиш ба худинкишофёбӣ;* ҳавасманд набудан ба дастрасии маълумоти нав; мушкилотҳо дар муайян сохтани моҳияти раванди худинкишофёбӣ; набудани ҳавасмандии шахсӣ ба муайян сохтани қиммати он; набудани талабот ба донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳо, тасниф меёбад.

Муваффақияти худинкишофёбии донишҷӯён зиёдтар аз таркиби дастгирии педагогӣ муайян карда мешавад, ки дар худ дорад: мувофиқати оқилонаи усулҳо ва шаклҳои анъанавӣ ва нави таълим, пурқувват сохтани функсияҳои муоширатии онҳо, ки ба тарбияи шахсияти фаъол, мустақилона дарккунанда, худинкишофёбандаи донишҷӯ равона карда шудааст. Таҳия ва истифодаи вазифаҳое, ки пайдоиши эҷодӣ ва худшиносии донишҷӯёнро дар фаъолияти таълимӣ-шиносоӣ таъмин менамоянд; зиёд сохтани саҳми шаклҳои эҷодии кор бо донишҷӯён, ки ташаббускорӣ ва фаъолнокии онҳоро баланд ва ба самти рушди худидоракунӣ ва худинкишофёбии дохилӣ ва берунаи донишҷӯ равона мекунад; равона сохтани диққати омӯзгорон ба шахсияти донишҷӯ; амалӣ сохтани раванди дастгирии педагогии худинкишофёбии донишҷӯён, бо ҳисоби таркиби он, дар шароити тайёр будани педагог ба амалӣ сохтани дастгирии педагогӣ, аз тарафи омӯзгор имконпазир аст.

Дар боби дуюм **«Кори таҷрибавӣ-озмоишии дастгирии педагогии донишҷӯён дар фаъолияти ғайридарсӣ»** фазои таълимии муассисаи таълимӣ чун сохтори шартҳои амалисозии талаботҳои донишҷӯён дар худинкишофёбӣ тасниф ёфта, ба шакли клубии амалисозии дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯёни колеҷ пешниҳод шуда, таҳлили натиҷаҳои кори озмоишӣ дар дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯёни колеҷ амалӣ шудааст.

Озмоиши муқаррашуда дар колеҷи касбии назди Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент гузаронида шуда, вазифаи омӯзиш ва таҳлили шартҳои ташкилӣ, педагогӣ ва моддӣ-техникиро амалӣ менамуд, ки дар он дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯёни колеҷ амалӣ карда мешавад. Яъне мақсади озмоиши мазкур ошкор сохтани шароитҳои педагогӣ буд, ки ба худинкишофёбии шахсии донишҷӯён ва

муайян намудани сатҳи аввалияи худинкишофёбии шахсии донишҷӯён дар раванди фаъолияти ғайридарсӣ мусоидат менамояд. Амалӣ сохтани вазифаи озмоишӣ бо истифодаи усулҳои тадқиқот ҳал карда мешуд: усулҳои сотсиологӣ: анкетиронӣ, тестиронӣ, мушоҳида, суҳбатҳо, контент-таҳлили иншоҳои курсантон, омӯзиши барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва ғайра. Таҳлили назариявии гузаронидашуда ва таҳлили шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ дар колеҷ имкон доданд, ки таркиби асосии дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯёни курсҳои гуногун ошкор карда шавад.

Озмоишҳои муқарраршудаи додашуда нишон доданд, ки таркиби дастгирии педагогӣ дар ҳар курси колеҷ муносибати махсусро талаб мекунад. Аз рӯи маълумотҳои додашуда мо қайд намудем, ки қисми асосии донишҷӯёни курси якум (48,2%) ва сеюм (58,8%) зарурати худинкишофёбии шахсиро дарк мекунанд ва ба он кӯшиш мекунанд. Ҳамзамон тадқиқот нишон дод, ки донишҷӯёни зиёди курси дуюм оид ба ихтисоси интихоб кардаашон дудилаанд ва ба худинкишофёбии шахсӣ на он қадар тайёранд. Мутобиқи ин самтҳои асосӣ ва таркиби дастгирии донишҷӯён ба худинкишофёбӣ муайян карда шуд. Маълумотҳои тадқиқот дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. **Таркиби дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯён дар курсҳои гуногун**

Курси таҳсил	**Мазмуни асосии дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯён**
курси 1	Омӯзиши хусусиятҳои индивидуалии шахсият, ҳамроҳии педагогии донишҷӯён дар давраи мутобиқат ба раванди таълим дар колеҷ, кӯмак ба донишҷӯён дар банақшагирии сабзиши шахсӣ ва касбӣ, дастгирӣ дар ҳалли масъалаҳои шахсӣ ва мутобиқат ба таълими касбӣ, кӯмак дар ташаккули муносибатҳои фоиданок бо муҳити иҷтимоӣ дар муассисаи олии ҳарбӣ, кӯмак дар интихоби шаклҳои фаъолияти ғайридарсӣ.
курси 2	Таҳияи шартҳои ҳавасмандкунии донишҷӯён ба худинкишофёбии шахсӣ. Расонидани кӯмак ба донишҷӯён дар устуворсозии боварӣ ба қувваи худ, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва шахсӣ,ташкили шароитҳои самаранокӣ дар шаклҳои гуногуни фаъолияти ғайридарсӣ, дар ташаккули сохтори назорат аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ
курси 3	Таҳияи чорабиниҳо дар фаъолияти ғайридарсӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи худташкилӣ ва худтарбия равона шудааст. Таҳияи барномаҳои инъикоскунандаи муносибати фаъолияти ғайридарсӣ ва таҷрибаҳои истеҳсолӣ. Пурқувватсозии асосҳои

	касбӣ ба кори илмӣ-тадқиқотӣ, кӯмак ба курсантон дар лоиҳагирии мавқеи фаъоли индивидуалии шахсӣ ва ташаккули мавқеи иҷтимоии он.

Муносибати донишҷӯёнро ба мушкилоти худинкишофёбии шахсӣ ошкор намуда, мо сабабҳоеро омӯхтем, ки донишҷӯён ҳангоми ҷалб шудан ба шаклҳои гуногуни фаъолияти ғайридарсӣ, ба онҳо асос мекунанд. Маълумотҳои бадастомадаро таҳлил ва меъёрҳои кӯшиш ба худинкишофёбиро истифода намуда, қайд карда шуд, ки рушди сатҳи баланди ҳар як меъёр тамоюли мусбӣ дорад. Меъёри ҳавасмандӣ аз курс ба курс зиёд шуда, дар курси сеюм донишҷӯёни зиёд (56,4%) ба нишондиҳандаҳои баланд ноил мешаванд. Ҳамин гуна рушди мусбӣ аз рӯи ду меъёри дигар низ мушоҳида мешавад. Аз рӯи меъёри фаъолиятнокӣ (55,4%) - зиёда аз нисфи тадқиқшудагон қобилият ба амалро нишон доданд, ки ба худнавсозӣ мутобиқи вазифаҳои таҳсилоти касбӣ равона шудааст. Ин донишҷӯёнеанд, ки фаъолнокии баландро дар иштироки фаъолияти ғайридарсӣ ва эҷодкорӣ дар чорабиниҳои ташкилшуда, нишон доданд. Зинаи сусти ҳалқаи умумии амалҳо, ки донишҷӯён дар фаъолияти ғайридарсӣ амалӣ намуданд, маҳорати рефлексиронии натиҷаи кори худ ва худбаҳодиҳии дуруст ба ҳисоб мерафт.

Дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯёни таҳсилоти касбиро бо роҳи якҷоякунии ратсионалии усулҳо ва шаклҳои таълими анъанавӣ ва нав, қувватдиҳии функсияҳои муоширатии онҳо, ки ба тарбияи фаъоли мустақилона даркшаванда, шахсияти худинкишофёбандаи донишҷӯ бо роҳи таҳия ва ҷорикунии тағйироти барномаҳои тағйирёбанда, таълими иловагӣ, маҳфилҳо, кори клубӣ, амалӣ намудан мумкин аст. Тадқиқотчиёни зиёди таълими иловагӣ фаъолияти маҳфилиро чун қисми таркибии кори тарбиявии ғайридарсӣ меҳисобанд (С.Л. Паладева).

Хусусияти кори клубӣ дар қонеъгардонии самти васеи талаботҳои иҷтимоӣ, таълимӣ ва фароғатӣ, ичунин ташаккули шароит барои рушди эҷодӣ, зеҳнии донишҷӯён мебошад. Ғайр аз ин, он имкон медиҳад, ки фазои рушднамо ташаккул ёбад, ки дар он ҳолати амни ҳаддалимкони ҷавон пешбинӣ шудааст. Дар он вай ҳуқуқи хато карданро дошта, моделҳои гуногуни рафтор ва усулҳои ҳалли масъалаҳои пайдошавандаро, чӣ дар фаъолияти илмӣ ва чӣ дар ғайридарсӣ, санҷида метавонад. Аз ин ҷо вазифаи педагог моделиронии чунин фазои “бозӣ” мебошад, ҳамзамон фаҳмост, ки ӯ на ба муносибатҳои дақиқан дар ҷамъият ҷой дошта такя кунад, балки кӯшиш намояд, ки баъзе шаклҳои “олӣ”-ро ташкил намояд. Самаранокии чунин гашт бисёр оддист- донишҷӯ натанҳо таҷрибаи зист дар ин ё он ҳолати иҷтимоиро мегирад (яъне мафҳум ва сабабҳои иҷтимоан муҳимро азхуд мекунад), балки

боз муносибати боарзиши худро ба ҳолати дақиқан ҷой дошта ташаккул медиҳад, ки эҳтимол онро баъзан тағйир додан низ лозим аст.

Мазмуни кори клуб якчанд самтҳои фаъолиятро бо донишҷӯён муттаҳид карда метавонад, ки яке аз онҳо эҳтимол, ки худинкишофёбии донишҷӯро эълон кунад. Аниқ аст, ки ҳар инсон, новобаста аз синнусол ва касб, аз вазифаи ба уҳда доштааш, оид ба масъалаҳои алоқаманд бо он, ки ӯ барои худинкишофёбӣ чӣ корҳоро анҷом додааст, чӣ тавр дар ин роҳ кор кардааст, ба кадом натиҷаҳо ноил шудааст, фикр меронад. Ин суолҳо барои синнусоли наврасӣ хеле муҳиманд. Инро ҳар як педагоге, ки дар макотиби касбӣ фаъолият мекунад, медонад.

Клуби дар колеҷ ташкилшудаи “Ҷавонӣ” – ин иттиҳодияи ихтиёрии донишҷӯён ва омӯзгорон буда, вазифаи он ташаккули шароитҳои касбӣ-педагогии кӯшиш ба худинкишофёбӣ, худбеҳгардонӣ, худмуваффақиятнокӣ мебошад. Фаъолияти клуб чандон гуногун аст, ки гуфтан ҷоиз аст, ки дар иштирок дар он ҳар як аъзои клуб натанҳо ба худинкишофёбӣ ҳавасманд мегардад, балки боз малака ва маҳорати муайяни таълимиро низ аз худ менамояд. Самтҳои ташкилии онро таҳлил намуда, қайд намудан мумкин аст, ки:

Якум, ташаккули фаъолияти клуб дар асоси ташкили фазои иттилоотӣ сохта мешавад, ки дар он ҳар як аъзо метавонад маълумоти дастрас ва фоиданокро мутобиқи фаъолияти клуб дастрас намояд. Ин бо роҳи ҷалби васеи аъзоёни клуб дар муҳокимаи ҳама масъалаҳои фаъолияти вай ба даст меояд. Фазои иттилоотии ташкилшудаи ба ҳар аъзо дастрас ба ҷустуҷӯи ҳар нафар оид ба фаъолияти завқдоштааш мусоидат мекунад. Ба кор дар клуб педагогҳо, психологҳо, кормандони иҷтимоии соҳибтаҷриба ҷалб карда шудаанд. Дуюм, чун иттиҳодияи ихтиёрии донишҷӯён ва омӯзгорон фаъолияти худро дар асоси муҳокимаи васеи таркиб ва самтҳои фаъолият месозад. Сеюм, ҳар як чорабинӣ дар шӯрои клуб муҳокима мешавад, ки дар ҷаласаи он аъзоёни фаъол ширкат меварзанд. Аз рӯи пешниҳодҳои онҳо ба таркиби пешбинишуда тағйиротҳо дароварда мешаванд. Чорум, ҷаласаи фаъолони клуб мунтазам гузаронида мешавад. Аз рӯи нақшаи клуб, ҷаласа на камтар аз як бор дар ҳафта гузаронида мешавад. Панҷум, таркиб ва ҷадвали кории таҳия шудаи клуб ба фаъолияти он ҳавасманд месозад, ки ин суботи кори онро меафзояд. Субот дараҷаи баланди фаъолнокии аъзоёни онро ташкил медиҳад.

Кори самараноки клуб бо барномаи кушоди модулӣ таъмин карда шудааст. Дар ҳама ҷаласаҳои клуб масъалаҳои гуногуни иштироки ҳама аъзоёни клубро талабкунанда, баррасӣ шудаанд. Масъалаи асосии баррасишаванда, ки дар ҷаласаҳо ҳал карда мешавад, ин муҳокимаи пешакии

чорабиниҳои банақшагирифташуда, миқдори иштирокчиён, вақти мувофиқи гузаронидани ҷаласа мебошанд. Ҳамзамон, иштироки омӯзгорон-аъзоёни клуб аҳамияти махсус дорад. Иштироки онҳо таҳлили чуқур ва баррасии ҳама масъалаҳои чорабинии пешбинӣ шударо таъмин менамояд. Якҷоя бо он, дар фаъолияти клуб чунин шаклҳои кор, ба мисли семинарҳо, семинар-машваратҳо, тренингҳо, аксияҳои иттилоотӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, баҳсҳо ва муҳокимаҳо амалӣ карда мешаванд. Яъне, барномаи клуб шаклҳои гуногуни фаъолиятро, ки чорабиниҳои маданӣ-фароғатӣ ва аҳамияти иҷтимоӣ доштаро дар худ ҷамъ овардааст. Дар баъзе ҳолатҳо, ҳангоми банақшагирии масъалаҳои мураккаб, муҳокимаи онҳо марҳила ба марҳила амалӣ шуда, як қатор вохӯриҳоро ташкил медод, ки онҳо давоми якдигар буданд.

Ҷадвали 2. Натиҷаҳои ташаккулдиҳандаи озмоиш

Меъёрҳо	Сатҳҳо					
	Паст		Миёна		Баланд	
	То озмоиш	Пас аз озмоиш	То озмоиш	Пас аз озмоиш	То озмоиш	Пас аз озмоиш
Ҳавасмандкунанда	12,4%	6,4%	73,2%	69,4%	14,4%	24,2%
Фаъолноккунанда	14,2%	4,7%	67,2%	64,9%	18,6%	30,4%
Рефлексивӣ	12,4%	10,2%	75%	70,2%	12,6%	19,6%

Таҳлили натиҷаҳои дастрасшуда, ки дар онҳо рушди кӯшиши донишҷӯёни колеҷ ба худинкишофёбӣ дар шароити фаъолияти ғайридарсӣ (кори клуб) ва дастгирии педагогии худинкишофёбии донишҷӯён қайд шудааст, ба он бовар мекунонад, ки: а) миқдори донишҷӯёни ба ҷустуҷӯи усулҳои худинкишофёбӣ ҳавасманд нисбатан зиёд шудааст. Ин махсусан дар сатҳи баланд дида мешавад (аз 14,4% то 24,2%); б) камшавии миқдори донишҷӯён бо сатҳи пасти кӯшиш ба худинкишофёбӣ аз рӯи меъёри фаъолноккунанда қайд шудааст (14,2% то 4,7%); в) дар масъалаи таркиби кори педагогӣ бо донишҷӯён, фаъолият аз рӯи таъмини тамоюли мусбӣ дар меъёри рефлексивӣ аз ҳама мураккаб ба назар мерасад. Ин ҷо ҳатто дар сатҳи баланд таъсири мусбӣ дар на зиёда аз 7% донишҷӯён зоҳир шудааст; г) миқдори зиёди донишҷӯён сатҳи миёнаи кӯшиш ба худинкишофёбиро нишон доданд. Лекин тамоюли мусбӣ умуман оид ба тағйироти зиёд дар худинкишофёбии донишҷӯён аз рӯи ҳар як меъёр шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, қайд карда шуд, ки: а) дар доираи дастгирии педагогии фаъолияти донишҷӯён дар фаъолияти ғайридарсӣ, аз ҷумла дар кори клуб, донишҷӯ субъекти фаъолнокии шиносоӣ ва эҷодӣ мегардад, ки ба рушди шахсият, қадр, мустақилии ӯ чун таркиби худинкишофёбӣ, мусоидат мекунад; б) фаъолияти ғайридарсӣ потенсиали бои педагогиро дар ташаккули худинкишофёбии шахсӣ доро буда, ба навсозии кӯшиши шахсият ба фаъолияти индивидуалӣ, тағйироти ҳама самтҳои ҳаётӣ, азхудкунии таҷрибаи мусбии субъектӣ, мусоидат мекунад; в) дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯён дар фаъолияти ғайридарсии дар муносибати фаъоли омӯзгор ва донишҷӯ сохташуда аз ҳама самараноктар аст, агар шакли ҳамкорӣ ва ё ҳамшарикиро дар рафти амалӣ сохтани фаъолияти муҳими иҷтимоӣ ва шахсӣ гирад.

ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Дар хулосаи диссертатсия, дар асоси маводҳои озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

1) дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯён метавонад дар асоси инфрасохтори рушдёфтаи фаъолияти тарбиявӣ-фароғатии колеҷ бо ҷалби коллективи баландихтисоси педагогӣ, ки шароитҳоро барои фаъолияти муштараки босамари эҷодӣ ташкил мекунанд, амалӣ карда шавад;

2) яке аз шаклҳои муосири амалӣ сохтани дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯён дар фазои таълимии муассисаи таълимии миёнаи касбӣ, кори клубӣ мебошад. Кори клубӣ чун қисми таркибии кори тарбиявии ғайридарсӣ баррасӣ мешавад, ки чун кори гуруҳӣ на фақат самти васеи талаботҳои донишҷӯёнро қонеъ мекунад, балки баҳри рушди худинкишофёбии эҷодӣ ва зеҳнии донишҷӯён шароит фароҳам меорад.

3) дастгирии педагогӣ метавонад самарабахш бошад, агар: а) барои амалӣ сохтани он захираҳои зарурии кадрӣ, моддӣ ва иттилоотӣ ташаккул ёфта, истифода шаванд; б) дастгирии педагогӣ дар ҳама фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ амалӣ шуда, дар асоси муносибати фаъол, эҷодии самараноки донишҷӯён ва омӯзгорон ташаккул меёбад; в) он, дар навбати аввал, ба қобилияти донишҷӯ ба худинкишофёбӣ дар самтҳои гуногуни ҳаёт, дар дастгирии сифатҳо ва хусусиятҳои нодири нотакрори фардӣ, ки дар ҳар як инсон ҷой дошта, бояд рушд ёбад, равона карда шудааст; г) бо роҳи оқилонаи якҷояи усулҳо, шаклҳо ва тарзҳои анъанавӣ ва нав, ки истифодаи онҳо дар кор бо донишҷӯён ба онҳо имкони бартараф сохтани монеаҳо, рушди потенсиали зеҳнӣ, маънавӣ, эҳсосӣ, иродавиро пешниҳод мекунад, ҳисси инсони боташаббусро медиҳад.

Дар замимаҳо анкетаҳо, тестҳо ва барномаҳои кори таълимӣ бо субъектҳои идораи сифати таҳсилот пешниҳод шудаанд, ки дар озмоишҳои муқарраршуда ва ташаккулёбанда истифода шудаанд.

МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ШУДААНД:

1. ***Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои иқтибосоварӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР тавсия додаанд:***

[1-М] **Хайдаров А. С.** (дар ҳаммуаллифӣ) Сущность и структура педагогической поддержки студентов во внеурочной в сооавт деятельности//Вестник Таджикского национального университета (ISSN 2074 – 1847). 2021, №3, С. – 263 – 270. (авт. - 60%).

[2-М] **Хайдаров А.С.** Социально-культурное сопровождение в педагогической деятельности как технология развития обучающихся //Мир науки, культуры образования (ISSN 1991-5497) 2021, №3(88), С. 127 – 129.

[3-М] **Хайдаров А.С.** Психолого-педагогическое сопровождение подготовки учащихся к итоговой аттестации с применением отдельных приемов социального проектирования //Вестник Челябинского государственного педагогического университета. 2020, №5. С. 37 – 42.

[4-М] **Хайдаров А.С.** Социальная адаптация студентов колледжа средствами культурно-досуговой деятельности//Мир науки, культуры, образования (ISSN 1991-5497) 2019, №3 (69), С. 141 – 143.

2. ***Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо чопшуда:***

[5-М] **Хайдаров А. С.** Компетенции саморазвития как цель профессионального образования / //Актуальные проблемы педагогики и психологии: Сб. научных трудов преподавателей, молодых ученых и студентов. – Алматы: КазНУ им. аль-Фараби, Выпуск 12 - 2017. – С.286-289.

[6-М] **Хайдаров А. С.** Современный подход к формированию компетенции саморазвития у студентов во внеурочной деятельности //Теория и практика непрерывного психолого-педагогического образования: проблемы, поиски, перспективы: Материалы международной научно-практической конференции.– Алматы: КазНУ им. аль-Фараби , 2018. – Часть I. – С.402-405.

[7-М] **Хайдаров А. С.** Деятельность куратора группы в развитии компетенции саморазвития студентов ССУЗа в клубной работе //Актуальные проблемы педагогики и психологии: Сб. научных трудов преподавателей, молодых ученых и студентов. . – Алматы: КазНУ им. аль-Фараби , Выпуск 13. – 2018. – С. 250-253.

[8-М] **Хайдаров А. С.** Педагогическая поддержка как средство саморазвития студентов ССУЗ ТВ клубной работе //Гуманитарная составляющая профессионального образования: Материалы научно-

практической конференции. Шымкент: ШРУ «НЦ Актау», 2019. – Часть I. – С. 215-218.

[9-М] **Хайдаров А. С.** Комплексное сопровождение саморазвития студента колледжа во внеучебной деятельности // Международная научно-практическая конференция. "Проблемы активизации познавательной деятельности в процессе формирования профессиональных компетенций. Костанай: КГУ им. Байтурсынова. – 2019. – С. 41-46.

[10-М] **Хайдаров А. С.** Сущность и основные характеристики саморазвития студентов колледжа во внеурочной деятельности // Современные проблемы науки, образования и производства : Материалы научно-практической конференции. Нур-Султан: КазУТБ "АҚНҰР", 2020 г. - Т. 1.- С. 41-43.

[11-М] **Хайдаров А. С.** Остапенко, А. В. Внеурочная деятельность как разновидность педагогического сопровождения саморазвития студентов колледжа [Текст] /А.С. Хайдаров, А.В. Остапенко, // Проблемы теории и практики подготовки современного специалиста : Межвузовский . сб. науч. тр. / Павлодарский гос. ун-т им. Торайгырова. - Павлодар, 2021. - Вып. 5. - С. 4-13 (авт. - 60%).

АННОТАЦИЯ

диссертации Хайдарова Азизходжи Сабырхановича на тему «Педагогическая поддержка личностного саморазвития студентов колледжа во внеурочной деятельности», представленной на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08 – Теория и методика профессионального образования

Ключевые слова: педагогическая поддержка, личностное саморазвитие, внеурочная деятельность, технология личностного саморазвития, педагогические условия, педагогическое сопровождение.

Актуальность темы. В современных педагогических исследованиях, рассматривающих вопросы саморазвития личности утверждается, что одним из важнейших вызовов педагогической науке является формирование личности, готовой к саморазвитию, обладающей опытом самопостроения в развитии востребованных в обществе отношений и качеств, являющейся субъектом в принятии общественно значимых целей и деятельностью в их осуществлении.

Проблемы выявления и использования педагогических условий саморазвития обучающихся являются особенно важными в профессиональном образовании. Подготовка современного специалиста, готового саморазвитию, стремящегося к глубокому усвоению профессиональных знаний, умений и навыков за счет такой готовности, специалиста как личности, проявляющей

такие качества как активность, инициативность, ответственность в своей деятельности является важнейшей задачей педагогической науки и практики.

Одним из направлений педагогической деятельности, обеспечивающих разрешение проблем саморазвития студентов, является педагогическая поддержка его образовательной деятельности. В современных педагогических исследованиях есть немало работ, посвященных проблемам выявления и использования педагогических условий саморазвития личности обучающихся. Однако проблема не является до конца решенной, как в науке, так и в практике. Недостаточно изучены и апробированы формы и методы педагогической поддержки студентов в современных условиях профессионального образования. Педагогический анализ литературы, раскрывающей особенности педагогической поддержки образовательной деятельности студентов СПО во внеурочной деятельности, выявленные противоречия позволили сформулировать проблему исследования, состоящую в выявлении и обосновании педагогических условий внеурочной деятельности студентов СПО, способствующих их саморазвитию в процессе профессионального образования. Цель исследования: выявление и теоретическое обоснование педагогических условий поддержки личностного саморазвития студента колледжа во внеурочной деятельности.

Научная новизна и теоретическая значимость исследования состоит в следующем: 1) определено, что педагогическая поддержка личностного саморазвития студентов колледжа, представляет собой систему педагогических средств, которые обеспечивают субъектную позицию обучающимся в освоении профессиональных знаний, в преодолении трудностей профессионального образования, в выборе форм и методов внеурочной деятельности, способствующих успешному развитию интеллектуальных и социальных потенциалов личности; 2) разработано содержание педагогической поддержки личностного самоопределения студентов во внеурочной деятельности, учитывающее возрастные и индивидуальные особенности студентов, их образовательные возможности, интересы и способности; 3) выявлены технологии внеурочной деятельности, способствующие проектировать социально и личностно значимые изменения личностных качеств студентов; основу таких технологий составляют принципы добровольности участия в различных формах внеурочной деятельности; интерес к содержанию и возможность успешной самореализации; наличие выбора социальных ролей в организации деятельности; 4) разработаны педагогические средства, используемые во внеурочной деятельности, способствующие мотивации студентов к высоким

образовательным результатам и личностным достижениям, стремлению к устранению личностных недостатков.

АННОТАЦИЯ

ба диссертатсияи Ҳайдаров Азизхоҷа Сабирханович дар мавзӯи «Дастгирии педагогии худинкишофёбии шахсии донишҷӯёни колеҷ дар фаъолияти ғайридарсӣ», ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти касбӣ)) пешниҳод шудааст.

Вожаҳои асосӣ: дастгирии педагогӣ, худинкишофёбии шахсӣ, фаъолияти ғайридарсӣ, технологияи худинкишофёбии шахсӣ, шартҳои педагогӣ, ҳамроҳии педагогӣ.

Муҳиммияти мавзӯъ. Дар тадқиқотҳои муосири педагогӣ, ки масъалаҳои худинкишофёбии шахсиро баррасӣ мекунанд, тасдиқ карда мешавад, ки яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогӣ ташаккули шахсияти ба худинкишофёбӣ тайёр, ки таҷрибаи худташаккулёбиро дар рушди муносибатҳо ва сифатҳои дар ҷомеа серталаб доро мебошанд ва дар қабули ҳадафҳои дар ҷомеа арзишманд ва фаъолнокӣ дар амалисозии онҳо нақши субъектро доранд, ба ҳисоб меравад.

Масъалаҳои ошкорсозӣ ва истифодаи шартҳои педагогии худинкишофёбии толибилмон дар таҳсилоти касбӣ хеле муҳим мебошанд. Омодасозии мутахассиси муосири ба худинкишофёбӣ тайёр, ки ба азхудкунии чуқури донишҳо, маҳорат ва малакаҳои касбӣ аз ҳисоби чунин тайёрӣ кӯшиш мекунад, мутахассис чун инсоне, ки чунин сифатҳоро чун фаъолнокӣ, худкорӣ, масъулиятнокӣ дар фаъолияти худ нишон медиҳад, вазифаи асосии илм ва малияи педагогӣ мебошад.

Яке аз самтҳои фаъолияти педагогӣ, ки ҳалли масъалаҳои худинкишофёбии донишҷӯёнро таъмин менамояд, дастгирии педагогии фаъолияти таълимии ӯ мебошад.дар тадқиқотҳои педагогии муосир корҳое, ки ба масъалаҳои ошкорсозӣ ва истифодаи шартҳои педагогии худинкишофёбии шахсияти донишҷӯён бахшида шудаанд, кам нестанд.вале масъала чӣ дар илм ва чӣ дар амалия то охир ҳалли худро наёфтааст. Шаклҳо ва методҳои дарстгирии педагогии донишҷӯён дар шароити муосири таҳсилоти касбӣ ба таври кифоя омӯхта ва озмуда нашудаанд. Таҳлили педагогии адабиёте, ки хусусиятҳои дастгирии педагогии фаъолияти донишҷӯёни таҳсилоти миёнаи касбиро дар фаъолияти ғайридарсӣ мекушояд ва ихтилофоти ошкоршуда имкон доданд, ки проблемаи тадқиқот тартиб дода шавад, ки дар ошкорсозӣ ва

асосноккунии шартҳои педагогии фаъолияти ғайридарсии донишҷӯёни таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки ба худинкишофёбии онҳо дар раванди таҳсилоти касбӣ мусоидат мекунанд, мебошад.

Мақсади тадқиқот: ошкорсозӣ ва асосноккунии назариявии шартҳои педагогии дастгирии худинкишофёбии шахсияти донишҷӯи колеҷ ҳангоми фаъолияти ғайридарсӣ.

Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявии тадқиқот аз инҳо иборат аст: 1) муайян карда шуд, ки дастгирии педагогии худинкишофёбии донишҷӯёни колеҷ, сохтори воситаҳои педагогие мебошад, ки мавқеи субъектии хонандагонро дар азхудкунии донишҳои касбӣ, дар бартарафкунии мушкилоти таълими касбӣ, интихоби намуд ва усулҳои фаъолияти ғайридарсӣ таъмин менамоянд, ки онҳо ба рушди самараноки потенсиали зеҳнӣ ва иҷтимоии шахсият мусоидат мекунанд; 2) мазмуни дастгирии педагогии худинкишофёбии донишҷӯён дар фаъолияти ғайридарсӣ таҳия карда шудааст, ки хусусиятҳои синнусолӣ ва индивидуалии донишҷӯён, имкониятҳои таълимӣ, ҳавас ва қобилияти онҳоро ба ҳисоб мегирад; 3) технологияҳои фаъолияти ғайридарсӣ ошкор шудаанд, ки ба инъикоси тағйиротҳои муҳими иҷтимоӣ ва шахсии сифатҳои шахсии донишҷӯён мусоидат мекунанд; асоси ин технологияҳоро шарти иштироки ихтиёрӣ дар намудҳои фаъолияти гуногуни ғайридарсӣ ташкил медиҳанд; ҳавас ба мазмун ва имконияти самараноки худшиносӣ; ҷой доштани интихоби нақшҳои иҷтимоӣ дар ташкили фаъолият; 4) воситаҳои педагогӣ таҳия шудаанд, ки дар фаъолияти ғайридарсӣ истифода мешаванд, ба ҳавасмандии донишҷӯён ба натиҷаҳои баланди таълимӣ ва дастовардҳои шахсӣ, кушиш ба бартарафсозии камбудиҳои шахсӣ, мусоидат мекунанд.

ANNOTATION

dissertation of Haidarov Azizkhodzhi Sabyrkhanovich on the topic "Pedagogical support of personal self-development of college students in extracurricular activities", submitted for the degree of Candidate of Pedagogical Sciences in the specialty 13.00.08 – Theory and methodology of vocational education.

Keywords: pedagogical support, personal self-development, extracurricular activities, technology of personal self-development, pedagogical conditions, pedagogical support.

The relevance of the topic. In modern pedagogical studies considering the issues of personal self-development, it is argued that one of the most important challenges to pedagogical science is the formation of a personality ready for self-

development, with experience in self-building in the development of socially demanded relationships and qualities, being a subject in the adoption of socially significant goals and activities in their implementation.
The problems of identifying and using pedagogical conditions for students' self-development are especially important in vocational education. The preparation of a modern specialist, ready for self-development, striving for deep assimilation of professional knowledge, skills and abilities due to such readiness, a specialist as a person showing such qualities as activity, initiative, responsibility in his activities is the most important task of pedagogical science and practice.

One of the areas of pedagogical activity that provide solutions to the problems of students' self-development is pedagogical support of their educational activities. In modern pedagogical research, there are many works devoted to the problems of identifying and using pedagogical conditions for the self-development of the personality of students. However, the problem is not completely solved, both in science and in practice. The forms and methods of pedagogical support of students in modern conditions of professional education are insufficiently studied and tested.

Pedagogical analysis of the literature revealing the features of pedagogical support for the educational activities of vocational students in extracurricular activities, the revealed contradictions allowed us to formulate a research problem consisting in identifying and substantiating the pedagogical conditions of extracurricular activities of vocational students that contribute to their self-development in the process of vocational education. The purpose of the study: to identify and theoretically substantiate the pedagogical conditions for supporting the personal self-development of a college student in extracurricular activities.

The scientific novelty and theoretical significance of the study is as follows: 1) it is determined that pedagogical support for personal self-development of college students is a system of pedagogical means that provide a subjective position for students in mastering professional knowledge, overcoming difficulties of vocational education, in choosing forms and methods of extracurricular activities that contribute to the successful development of intellectual and social potentials of the individual; 2) the content of pedagogical support for personal self-determination of students has been developed in extracurricular activities, taking into account the age and individual characteristics of students, their educational opportunities, interests and abilities; 3) technologies of extracurricular activities have been identified that contribute to designing socially and personally significant changes in students' personal qualities; the basis of such technologies are the principles of voluntary participation in various forms of extracurricular activities; interest in the content and the possibility of successful self-realization; the presence of a choice of social roles in the organization of activities; 4) pedagogical tools used in extracurricular

activities that contribute to motivation have been developed students to high educational results and personal achievements, the desire to eliminate personal shortcomings.